**Дастурамал**
**оиди ба ҳисобгирии чорво ба 1 январ**
**дар ҳисоботи омори давлатӣ**

Ҳолати чорво дар асоси барномаи омори давлатӣ ҳар сол 1 январ ба хисоб гирифта мешавад:

Саршумори чорво ва парандаи дар парвариши хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ қарордошта тубқи ҳисоботҳои омории шакли №3 -рӯйхати соҳибони чорво ва паранда ва шакли № 6 – ҷамоат таҳия гардида, ба мақомоти маҳалии омор бо усули ҷамъбастии ҳисоботи электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Заминаи нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои мазкур китобҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба ҳисоб мераванд.

Шарти асосии ҳисобот ин дуруст ба руйхат гирифтани чорво мебошад. Шӯъбаҳои омори ноҳия, Ҷамоатҳои деҳот вазифадоранд, ки корҳои ташкилиро оиди дуруст ва бехато баҳисобгирии чорво зери назорати қатъӣ гиранд.

Ҳамаи ташкилотҳое, ки ба ин кор вазифадоранд, (хоҷагиҳои давлатӣ, кооперативӣ, ҷамъиятӣ, вазорату ташкилоту муассисаҳо, ҳайати кориро) бо фармон вазифадор кунанд. Ба ҳайати корӣ тартиби гузаронидани баҳисобгирии саршумори чорво ва паранда, мӯҳлатҳои гузаронидан ва роҳҳои дуруст баҳисобгирии саршумори чорво ва парандаро омӯзонанд.

Сардорони шӯъбаҳои омори ноҳия бо супориши иловагӣ рӯзи 5-уми январи соли ҳисоботӣ ҳамаи маълумоти омориро аз рӯи шаклҳои пешниҳодшуда қабул менамояд.

**Тартиби гузаронидани**
**ҳисобот дар хоҷагиҳои аҳолӣ**

Шумораи чорво дар хоҷагиҳои аҳолӣ, ки дар шароити қишлоқҷойҳо истиқомат доранд, дар асоси ҳисоботи ҷамоатҳои деҳот муайян карда мешавад. Маълумотҳо аз дафтари хоҷагӣ ва руйхати чорвои аҳолӣ, ки ҷамоатҳои деҳот муайян менамоянд гирифта мешаванд.

Муҳлати гузаронидан ва муайян кардани маълумоти дар дафтари хоҷагӣ аз 15 декабр то 31 декабр мебошад. Чорвое, ки дар чарогоҳи зимистона мебошад бо ҳамаи тартибот баҳисоб гирифта мешавад. Гузаронидан ва аниқ кардани маълумоти дафтари хоҷагӣ дар асоси нишондоди махсус ва дастурамали пешниҳодшуда ба ҷо оварда мешавад.

Барои ҳисоб кардани саршумори чорво дар Ҷамоати деҳот, маълумоти саршумори чорвои ҳар як хоҷагии аҳолӣ аз рӯи шакли №3 новобаста аз он, ки дар ин хоҷаги чорво ҳаст ё нест ба руйхат гирифта мешавад.

Ҳисоботи Ҷамоъати деҳот аз рӯи шакли № 6-Ҷ, дар асоси ҷамъбасти маълумоти ҳар як рӯйхат, тартиб дода мешавад.

Ҳисоботи шакли №6-Ҷ Ҷамоати деҳот ба шуъбаҳои омори ноҳия то 1 январ пешниҳод ва ба руйхатгирӣ гузаронида мешавад аз рӯи шакли №3 Ҳисоботи пурсиши аз соҳибони хона ва чорвои он дар иштироки ҳисобчӣ намояндаи ноҳия хонаҳо ва ё вакилони кӯчаҳо гузаронида мешавад.

Ҳисобот аз тарафи шахсони дар боло зикршуда дар мавриде гузаронида мешавад, ки чорво дар хонаи соҳибони чорво бошад на дар чарогоҳ.

**Чорабиниҳои пешакӣ оиди гузаронидани ҳисоботи чорво**

Шуъбаи омори ноҳия ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои саривақт ва бо сифати баланд гузаронидани ҳисоботи чорвои аҳолӣ, тамоми чораҳои заруриро мебинад.

Роҳбарони омори ноҳия ҳисобчиҳоро то 1 декабр интихоб намуда барои тасдиқ кардани онҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо рӯйхати онҳоро пешниҳод менамоянд. Интихоби бригадаҳои назоратиро ҳам ҳамин тариқ тасдиқ менамоянд. Гузаронидани семинар ва омузонидани ҳисобчиҳо ва назоратчиёни ин маърака то 10-уми декабр ва ҳисоботчиҳое, ки ба чарогоҳ равон карда мешавад то 5-уми декабр пурра бо маводҳои зарурӣ таъмин карда шаванд.

Дар мавриди пайдо гардидани саволҳои ба миён омада мақомоти омори ноҳияҳо ба дастгоҳи марказии омори ҷумҳурӣ муроҷиат намуда, тавсияи дахлдорро мегиранд. Роҳбарони омори ноҳия барои баҳисоб гирифтани чорво дар давраи баҳисобгирии чорво чунин маълумотро бояд аниқ кунанд

а) харита – схемаи ноҳияҳо, дар асоси маълумоти охирини ҳудуди ноҳияви, ки тасдиқ карда шудааст бо нишон додани ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишин, ҷангалҳо, станцияҳои роҳҳои оҳани ҳудуди ҷамоатҳо, ҳудуди ҷамоатҳо, ҳудуди хоҷагиҳо;

б) руйхати ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишин дар асоси харитае, ки тартиботи ҷойгиршавии географии аз ғарб, шарқ, шимол ва ҷануб аниқ карда мешавад.

Дар мавриди тартиб додани руйхат, роҳбарони омори ноҳия диққати асосиро ба он бояд диҳанд, ки ҷойҳои майдаи ба назар

номаълум чун ҷойҳои каравулгоҳи ҷангал, гузаргоҳи роҳи оҳан ва ғайра аз ҳисоб берун намонад. Аз руйхати хоҷагиҳои давлатӣ ва кооперативӣ, дар руйхат ҳамроҳ карда мешавад ҳамаи аҳолӣ новобаста аз он, ки чорво дорад ё надошта бошад. Роҳбари омори ноҳия нақшаи календари оиди бурдани кор дар бораи баҳисобгирии чорво тартиб дода дар он мӯҳлат ва вазифаҳои коркунони ҳисобот дар давраи тайёри кори амалиро тартиб ва фаҳмонида медиҳад.

Дар якҷоягии бо раёсати кишоварзии маҳалли рафти инвентаризатсияи хоҷагиҳоро оиди баҳисобгирии чорво ва иҷрои фармони онҳоро зери назорат мегирад. Махсусан чорвое, ки дар чарогоҳи зимистона мебошад. Мақомотҳои омори маҳалли, вилоятӣ, дар муҳлати нишондодашуда корҳои ташкили оиди гузаронидани ҳисобот ва рафти гузаронидани ин маъракa маълумот пешниҳод менамояд. мақомоти омори ноҳияҳои Лахш, Панҷ, Мастчоҳ, Айни, Варзоб, Ховалинг, Нуробод, ВМКБ, ки дар як қисми ҳудудашон ҳисобот пеш аз мӯҳлат гузаронида мешавад, корҳои ташкилиро то 9-уми декабр. бояд ба анҷом расонанд.

**Коркарди натиҷаи ҳисоботи чорво**

**Ҷамъбасти ҳисоботи чорво дар ноҳия ба чунин тавр сурат мегирад:**

а) ҷамъбасти ҳисоботи чорво дар Ҷамоати деҳот аз рӯи шакли №6-Ҷ;

б) ҳисоботи хоҷагиҳои ҷамъиятӣва деҳқонӣ аз рӯи шакли №24.

Натиҷаи ҷамъбасти ҳисоботи чорво дар ноҳия аз рӯи чунин тартибот кор карда мешавад:

а) натиҷаи ҳисоботи чорво дар Ҷамоати деҳот ҳисобчиҳо ҳисоб мекунанд аз рӯи шакли №3;

б) ҳисоботи ҷамъбастии чорво дар Ҷамоати деҳот, аз рӯи шакли №6-Ҷ ҳисоб карда мешавад.

Ҷамъбасти ҳисоботи чорво аз ҷониби ҷамоамтҳои шаҳраку деҳоти ҷумҳурӣ дар муҳлатҳои муайяншуда дар шакли ҷамъбастӣ бо усули электронӣ ба мақомоти омор пешниҳод карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи таҳияи ҳисоботи мазкур дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот нигоҳ дошта мешавад, ки дар сурати мавриди санҷишӣ дурустии тартиб додани ҳисоботи мазкур ба санҷишгарон нишон дода мешавад.

Барои ҷамъбаст ва таҳияи ҳисоботи мазкур масъулият ба зимаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ҷумҳурӣ гузошта шудааст ва барои дурустии пешниҳоди ҳисобот ҷавобгар мебошанд.

**Низомнома оид ба ҳисоботи чорво барои роҳбарони омори ноҳия ба 1 январ**

## 1. Корҳои тайёрӣ оиди баҳисобгирии чорво дар хоҷагиҳои аҳолӣ.

Барои бо сифати баланд гузаронидани маъракаи баҳисобгирии чорво, сифати дафтарҳои хоҷагӣ, роҳбари омори ноҳиявӣ то 15 декабр бояд кори ҳисоботро дар ҳамаи Ҷамоатҳои деҳот бо мақсаде, ки ба хатогиҳо роҳ дода нашавад васеъ меомӯзад. Дар вақти санҷиши ҳолати ҳисоб дар Ҷамоати деҳот ба пуррагии ҳисобот бояд диққат дода шавад. Ғайр аз он ба маълумотҳои гурӯҳ ва синну соли чорво дар вақти гузаронидан ба дафтари хоҷагӣ диққат дода шавад.

Дар семоҳаи IV вазифаи роҳбари омори ноҳиявӣ аз он иборат аст, ки камбудиҳоро бартараф карда барои беҳбудии кори Ҷамоатҳои деҳот ёрии амалӣ расонад.

Бо мақсади дуруст ба ҳисоб гирифтани чорво дар хоҷагиҳои шахсӣ, роҳбари омори ноҳия бояд якҷоя бо комиссияи инвентаризасонӣ дар чарогоҳи зимистона саршумори чорвои шахсии аҳолиро аниқ намоянд ва дар дафтари хоҷагии Ҷамоати деҳот онро ба пуррагӣ гузаронад. Барои бо муваффақият гузаштани ин маърака, дар байни аҳолӣ як қатор чорабиниҳо ба воситаи матбуот, радио ва дигар воситаҳои ахбор корҳои оммавӣ гузаронида шавад.

## 2. Назорат ва санҷиши ҳуҷҷатҳои ҳисобот

Дар мавриди қабул кардани ҳисоботҳо оиди чорвои хоҷагиҳои давлатӣ, деҳқонӣ, ҷамоатҳои деҳот, шӯъбаи омори ноҳия вазифадор аст:

а) санҷиши эътимоднокии ҳисоботҳои, хочагиҳои ҷамъиятӣ, деҳқонӣ ва аҳолӣ, нуқтаҳои аҳолинишин маълумоти шакли №24, руйхати ҳисоботии шакли №6-Ч ва нуқтаҳои хурди аҳолинишин, роҳи оҳан ва ғайраро таъмин намояд. Дар ҳолати муайян кардани хатогӣ ва камбудиҳо ҳатман санҷишҳои назоратӣ гузаронад;

б) рақамҳои муайяншударо бо рақамҳои ба санаи 1 январи соли ҳисоботи муқоиса намояд;

в) ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиқкунандаи ҳисоботи шакли №24 истеҳсоли тухм, пашм, саршумори мурғ маълумот оиди фурӯши чорворо талаб намояд;

г) дурустии маълумоти шакли №6-ҷамоатро санҷида эътимоднокии онро таъмин намояд.

**Дастурамал**
**оиди ҳисоботи чорво дар вақти гузаронидан**
**ва аниқ кардани маълумот дар дафтари**
**хоҷагии ҷамоати деҳот ба 1 январ**

Ҳисоботи чорвои калони шохдор буққаҳо, барзаговҳо, чорвои зоён, хукҳо, аспҳо, паррандаҳо, уштурҳо, харҳо, замбури асал ва ғайра аз дафтари хоҷагӣ, ки ба аҳолӣ таалуқ дорад гирифтамешаванд.

Ҳисоботи чорво, ки моҳияти давлатӣ дорад, бинобар он маълумоти он бо иштироки намояндагони Ҷамоати деҳот гузаронида мешавад.

Бо мақсади гузаронидан ва ҷамъбаст кардани маълумотҳои дафтари хоҷагӣ то 15 декабр дар ҳар Ҷамоати деҳот тавсия дода мешавад, ки гурӯҳҳои кори ташкил карда шавад. Вазифаи аввалинидарачаи онҳо ба даст овардани маълумотҳои аниқ мебошад.

Ба ҳисобгири чорво ва гузаронидани он дар дафтари хоҷагии Ҷамоати деҳот ва руйхати №3 «Соҳибони чорво» аз 15 декабр оғоз карда мешавад (шаби 15 декабр баъд аз соати 12 и шаб). Чорвои фурӯхташуда ва ё талаф ёфта баъд аз соати 12 –и шаби 15 декабр гирифта чун чорвои мавҷуда ба ҳисоб гирифта мешавад. Насле, ки баъд аз соати 12 –и шаби 15 декабр гирифта шуда бошад, ба ҳисоб гирифта намешавад. Дар саршумори чорвои зоё ва тӯхлиҳои модаи аз як сола калон, модабузҳо ва бузҳои аз 1 сола калон новобаста аз он, ки насл гирифта шудааст ба гурӯҳи чорвои зоё дохил мешавад.

Дар саршумори модаговҳо дохил карда мешавад: ҳамаи модаговҳое, ки новобаста дар соли ҳисоботӣ аз он насл гирифта шудааст ё не. Ғуноҷинҳои бордоркардашуда новобаста дар соли ҳисоботӣ аз он насл гирифта шудааст ё не дар саршумори модаговҳо ҳамроҳ карда намешавад. Дар саршумори ғуноҷинҳои бордоркардашуда ҷамъ карда мешавад, ҳама ғуноҷинҳои аз 2 сола калон, ки сунъӣ ва ҷуфтӣ ба 15 декабр бордор карда шуда бошад. Чорвое, ки харида шудааст, вале аз соҳиби он ба даромади хоҷагӣ гирифта нашуда бошад, дар саршумори чорвои хоҷагии фурӯшанда баҳисоб гирифта мешавад. Баҳисобгирии чорво дар хочагиҳое, ки чорво доранд ва хоҷагиҳое, ки чорво надоранд гузаронида мешавад. Котиби ҷамоати деҳот то 14.12 аз мақомотҳои омори ноҳия шакли №3-ро «Рӯйхати соҳибони чорво» ва Дастурамал оиди пур кардани онро гирифта ва ба шахсони мутасадди омӯзиш гузаронида месупоранд. Маълумотҳо оиди чорвои мавҷуда дар

хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, коргарон, хизматчиён, дигар гурӯҳи аҳолӣ дар дафтари хоҷагӣ пурра навишта мешавад.

Санҷиши назорати ҳар як хоҷагӣ, ҳар як хонаводаи чорво дошта, дар он вақте гузаронида мешавад, ки чорво дар хонаи соҳибаш бошад. Дар дафтари хоҷагии Ҷамоати деҳот ҳамаи чорво ба руйхат гирифта мешавад, новобаста аз он, ки ин чорво дар чарогоҳ аст ё дар дигар ҷой нигоҳ дошта мешавад. Ба мақсади пурра гирифтани маълумотҳо чорвои дар дигар ҷамоатҳо буда аз тарафи намояндагони Ҷамоати деҳоте, ки чорво дар он ҷо нигоҳ дошта шудааст баҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳолати муайян кардани чорвои хоҷагӣ дар дигар Ҷамоати деҳот ё қишлоқ ба ки вобастагӣ доштан ва аниқ кардани маълумотҳо руйхати алоҳида гирифта мешавад. Руйхатро котиби Ҷамоати деҳот барои гузаронидани ба дафтари хоҷагӣ соҳиби чорво истифода мебарад. Дар ҳолати соҳиби чорво дар дигар Ҷамоати деҳот истиқомат карданаш руйхати чорво ба ҳамон Ҷамоати деҳот фиристода мешавад.

Роҳбарони колхозу совхозҳо бояд огоҳонида шаванд, ки дар ферма, рамаҳо ва дигар ҷойҳои чорвонигоҳдори, чорвои шахсии аҳолӣ аз ҳисобот берун намонад.

«Руйхати соҳибони чорво» дар шакли №3 алоҳида ҳар як нуқтаи аҳолинишин тартиб дода мешавад. Дар ҳар як сатри нишондоди шакли №3 як хоҷагӣ навишта мешавад сарфи назар аз он, ки чорво доранд ё не. Бо тамом шудани ҳисобот аз тарафи шахсони масъул котибони Ҷамоати деҳот вазифадоранд аз рӯи ин корҳои санҷишӣ гузаронанд:

а) оё дар ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишин ҳисобот гузаронида шуд ё не, махсусан ба ҷойҳои назарногири нуқтаҳои аҳолинишин;

б) барои роҳ надодан ва аз руйхатгири берун намондани хонаводаҳои колхозчиҳо, коргарони совхозҳо тамоми чораҳои заруриро андешидан лозим аст.

Баъди ба охир расидани баҳисобгирӣ дар ҷамоати деҳот аз рӯи шакли №3 саршумори чорво ба ҳисоб гирифта, ҷамъи он дар шакли №6-Ҷ гузаронида мешавад. Дар асоси маълумотҳо дар шакли 6-Ҷ ба мақомоти омори маҳаллӣ мутобиқи муқаррароти барномаи кори оморӣ пешниҳод карда мешавад.